Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-062 назди Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон-Россия

# ТАҚРИЗ

*ба автореферати Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ*

Муҳити инноватсионии минтақаҳои вилояти Хатлон бо нишондиҳандаҳои вазъияти иқтидори илмӣ-техникӣ ва фаъолнокии инноватсионии корхонаҳо, сатҳи фаъолнокии бозори инноватсияҳо, сармояи интеллектуалӣ ва мубодилаи технологӣ робитаи зич дорад. Дар робита ба ин масъала, вазифаи иқтисодиёти миллии мамлакат рушди инноватсионии иқтисодиёти минтақаҳо маҳсуб меёбад. Дар таъмини раванди рушди инноватсионӣ на танҳо созмон додани шароит барои фаъолияти инноватсионӣ, балки расонидани зерсистемаи минтақавии ташкилию инноватсионӣ то давраи татбиқи технологӣ ва пешниҳод кардани намунаҳои индустриалӣ ва фаъолияти онҳо дар истеҳсолот муҳим аст.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқоти худ хароҷоти барои таҳқиқоти илмӣ ва коркарди озмоишӣ-конструкторӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД дар кишварҳои ҷаҳон, рейтинги мамлакатҳои хориҷа аз рӯи сатҳи фаъолнокии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла дар нашри мақолаҳои илмӣ, гурӯҳбандии мамлакатҳои хориҷа аз рӯи шумораи патентҳо, сохтори ташкили идоракунии давлатии иқтидори илмӣ-техникии Ҷопонро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст (саҳ.11).

Рисоланавис ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда, вазифаҳои онро иҷро намудааст.

Муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар шароити норасоии манбаъҳои маҳаллии сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ, диққатро ба ташаккули муҳити мусоид барои воридоти технологияҳои инноватсионӣ ба кишвар ҷалб намудан лозим аст. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи рушди инноватсионии минтақавиро барои такмили фаъолияти технопаркҳо бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои ИМА, Италия, Испания таҳия кардан муҳим аст (саҳ.13).

Ҳамзамон, муаллиф муайя намудааст, ки рисолаҳои илмӣ ва монографияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон дар соли 2016 40 адад бошад, дар соли 2020 ба 51 адад ё худ 127,5 фоиз афзудааст. Аз 56 адади рисолаҳои илмӣ ва монографияҳои соли 2020, 24

адади он ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 13 адад ба Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, 8 адад ба Донишгоҳи давлатии Данғара, 3 адад ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва 3 адади дигар ба Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон рост омадааст. Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон чунин нишондод ба қайд гирифта нашудааст (саҳ.17-18).

Ҷиҳатҳои мусбати зикршудаи автореферат ба мо имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ятимов А.Ҷ. таҳқиқоти мустақили дар сатҳи баланд таълифгардида мебошад.

Дар баробари бартариҳои тадкиқоти илмӣ дар афтореферат эродҳо низ мавҷуданд:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро дар намуди ҷадвал ва диаграмма мушаххас тасвир менамуд.
2. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ғайр аз татбиқи таҷрибаи Ҷопон дар авторефрат инчунин сохтори ташкили идоракунии давлатии иқтидори илмӣ-техникии ду давлати дигарро низ баррасӣ менамуд.

Эродҳои мазкур баҳои мусбати кори иҷрошударо қадре ҳам паст намекунанд, зеро натиҷаҳои илмии ба дастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии таҳқиқот, навгонӣ ва аҳамияти амалии мундариҷаи рисоларо дарак медиҳад.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки кори пешкашгардида ба тамоми талаботи нисбати таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодаванда баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ятимов Амирхон Ҷурахонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
оид ба инноватсия ва технологияҳои таълимӣ,
н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи система
ва технологияҳои иттилоотӣ
Ғафоров Ф.М.

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3,
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

- Телефон: +992(37) 234-79-87, Факс: +992(37) 234-79-88,
- E-mail: rectorat-tut@mail.ru, Сомона: www.tut.tj

Имзои Ғафоров Ф.М. -ро тасдиқ мекунам,
сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
Бухориев Н.А.